В конце учебного года из материалов, изученных в кружке, учитель отбирает наиболее важные и рекомендует повторить их. За консультацией к кружковцам обращаются ученики, которые по тем или иным причинам в кружке не работали.

Таким образом, изученное в кружке делается достоянием многих учеников, не состоящих в нем, и роль кружка в глазах учеников повышается еще больше.

На каждом уроке учитель отводит определенное время на воспитательные стороны урока. Любой метод обучения привлекает присутствие воспитательных моментов.

Был проведен констатирующий и формирующий эксперименты, целью которого было знание и определение нравственных ценностей.

Для проведения констатирующего и формирующего эксперимента учащиеся были разделены на экспериментальную и контрольную группы. Высокий уровень знаний нравственных ценностей в экспериментальной группе показали 44 школьника, в контрольной – 73 школьника. Средний уровень знаний нравственных ценностей в экспериментальной группе показали 204 школьника, в контрольной – 201 школьник. Соответственно низкий уровень знаний нравственных ценностей в экспериментальной группе показали 70 школьников, в контрольной – 44 школьника.




**Схема 1.** ***Определение школьниками нравственных ценностей***

Высокий уровень определения нравственных ценностей в экспериментальной группе показали 57 школьников, в контрольной также – 57 школьников. Средний уровень определения нравственных ценностей в экспериментальной группе показали 131 школьник, в контрольной – 188 школьников. Соответственно низкий уровень определения нравственных ценностей в экспериментальной группе показали 131 школьник, в контрольной – 73 школьника.

Школьникам также было дано задание: закончить недописанные предложения - *complete sentence*. Цель упражнения заключалась в раскрытии представленных ценностей, обозначающих чувства, качества, отношения человека.




**Схема 2.** ***Содержание представленных нравственных ценностей у школьников***

Высокий уровень содержания нравственных ценностей в экспериментальной группе показали 102 школьника, в контрольной – 86 школьников. Средний уровень содержания нравственных ценностей в экспериментальной группе показали 160 школьников, в контрольной – 217 школьников. Соответственно низкий уровень содержания нравственных ценностей в экспериментальной группе показали 57 школьников, в контрольной – 16 школьников.

Школьникам также было задание: прочитать или вспомнить сказки - *read or remember fairy tales*, где говорится о таких нравственных понятиях, как добро - зло, правда – ложь, долг – патриотизм, взаимопомощь - труд и

т.д. Необходимо было определить уровень развитости нравственных ценностей на уроках английского языка у учащихся.




**Схема 3.** ***Уровень развитости нравственных ценностей на уроках английского языка у учащихся***

Высокий уровень развитости нравственных ценностей в экспериментальной группе показали 92 школьника, в контрольной – 70 школьников. Средний уровень развитости нравственных ценностей в экспериментальной группе показали 166 школьников, в контрольной – 217 школьников. Соответственно низкий уровень развитости нравственных ценностей в экспериментальной группе показали 60 школьников, в контрольной – 32 школьника.

Формирование нравственных ценностей на уроках английского языка у учащихся требует от учителя тщательной подготовки и педагогического такта. Конечно, учитель английского языка на своих уроках может ограничиться только учебными задачами. Но проблемы, стоящие сегодня в обществе, требуют от каждого учителя обязательного внимания школьников на формирование нравственных ценностей. Воспитательные цели на уроках достигаются разными путями. Несомненно, большую роль здесь играет чтение художественных произведений.

Ребята с низким общим развитием не умеют, а поэтому не любят учить уроки, им это неинтересно. Таких учащихся надо объединить и работать с

ними в кружке по английскому языку. Грамматические загадки, работа по занимательной фонетике увлекает даже самых апатичных.

В кружке ребята учатся выступать с небольшими докладами, узнают интересные факты из истории языка. Работа с синонимами, антонимами, омонимами развивает их речь, они стремятся подбирать более точные слова для выражения своих мыслей.

Самое серьезное внимание необходимо уделять опросу, стремиться охватить опросом на уроке многих учащихся. При опросе стараться многократно возвращаться к одному и тому же. Слабых учащихся постоянно держать в поле зрения.

Если ученик знает, что учитель обязательно обратит на него внимание, он будет готовиться к уроку. Нужно быть требовательным и в то же время справедливым по отношению к учащимся.

Если ученик добросовестно учит слова, записанные в его словарике, то он сделает очень мало ошибок в диктанте. Индивидуальная работа, диктанты на трудные слова, занятия со слабыми учащимися в кружке, контроль за домашним чтением - все это способствует развитию учащихся, воспитанию в них серьезного отношения к ученью, выработке прочных навыков, грамотной устной и письменной речи.

Предлагаемая методика использования на уроках английского языка чтения сказок, рассказов, заучивание наизусть стихотворений, инсценировки художественных произведений, работа с картинами, рисование отдельных элементов способствуют не только формированию, но и развитию, совершенствованию нравственных ценностей.

**В заключение диссертационной работы** подведены итоги исследования, где обозначены основные полученные результаты, намечены дальнейшие перспективные направления выбранной проблемы. Обобщение результатов проведенного исследования привело нас к следующим выводам:

1. В организации процесса обучения иностранному (английскому) языку очень важна роль учителя. Подобные ситуации могут непосредственно появляться в процессе совместной работы или могут быть специально предусмотрены учителем **[2-А].**

2. В условиях общеобразовательной школы решаются следующие задачи нравственного воспитания учащихся в процессе обучения иностранному языку (в частности, английскому языку):

развитие у учащихся нравственных ценностей как высших ценностей в жизни, значительных социальных мотивов общественно-полезной деятельности;

формирование познавательного интереса к знаниям, желание использовать знания на практике, развитие потребности к всестороннему обучению;

развитие высоких нравственных качеств;

развитие ценностей ответственности и долга, целеустремленности и предприимчивости, деловитости и правдивости.

3. Процессом формирования нравственных ценностей являются:

гражданское и патриотическое сознание;

развитие творческих и познавательных интересов;

развитие ответственности, трудовой дисциплины и обучения**[10-А].**

4. Учебная и воспитательная работа в школе неразрывно связаны между собой. Постоянная работа с младшими школьниками в этом единстве и взаимосвязи предполагает формирование нравственных ценностей. Как отмечали выше, каждый урок в школе преследует воспитательную цель. На уроках английского языка для лучшего усвоения учитель знакомит учащихся с текстами художественных произведений. Это могут быть сказки, стихи, рассказы.

5. Важнейшим условием воспитания дисциплины в школе является правильно организованный процесс обучения. Дисциплинированное поведение воспитывается на уроке. Хорошо организованный и методически продуманный урок организует внимание учащихся, пробуждает интерес к работе. Неправильно проведённый урок вредно отражается на воспитании детей. Где хорошо организован урок, там обычно и поведение детей не вызывает жалоб. Хороший урок воспитывает учащихся не только содержанием учебного материала, но и своей организационной стороной (своевременное начало урока, проведение урока по определённому плану, умелый подбор учебного материала, строгий порядок на уроке и т.д.) **[4-А].**

6. Следует отметить, что уроки английского языка, чтение литературы на английском языке способствуют духовно-нравственному развитию школьников, обеспечивают развитие знаний, умений и навыков, обеспечивая тем самым эффективность формирования нравственных ценностей школьников.

**Рекомендации по практическому использованию результатов исследования:**

1. Основную функцию нравственности определяет обучение учащихся, воспитывает интерес, сознательное отношение к труду и высокие качества человека.

2. Необходимо постоянно следить за повышением уровня развития учащихся. Для этого следует развивать знания, умения и навыки учащихся на родном, а потом уже на уроках английского языка.

3. В процессе учебы необходимо обратить внимание на гражданское и патриотическое сознание, на развитие творческих и познавательных интересов, на развитие ответственности, трудовой дисциплины и обучения, что обязательно будет способствовать формированию нравственных ценностей.

3. Необходимо регулярно использовать на уроках английского языка чтение сказок, рассказов, заучивание наизусть стихотворений, инсценировку художественных произведений, работу с иллюстрациями, рисование отдельных элементов, что будет способствовать развитию и совершенствованию нравственных ценностей.

## I. ОСНОВНОЕ СОДЕРЖАНИЕ ДИССЕРТАЦИИ ОТРАЖЕНО В СЛЕДУЮЩИХ ПУБЛИКАЦИЯХ:

**Статьи, опубликованные в ведущих научных журналах и изданиях, рекомендованных ВАК при Президенте Республики Таджикистан:**

[1-А] **Олимова Г.С.** Пути совершенствования нравственного содержания трудового процесса. Вестник Таджикского национального университета. Издательский центр ТНУ. Сино. Душанбе. 2014. №3/8 (150). С. 249-252.

[2-А] **Олимова Г.С.** Формы и методы взаимодействия общеобразовательных и производственных учреждений в нравственном воспитании старшеклассников (на тадж.яз.) Вестник Таджикского национального университета. Издательский центр ТНУ. Сино. Душанбе. 2019. №10/2. С. 203 -206.

[3-А] **Олимова Г.С.** Эффективность взаимодействия школы и производства по нравственному воспитанию в процессе практической деятельности старшеклассников. Вестник Таджикского национального университета. Издательский центр ТНУ. Сино. Душанбе. 2020. №1. С. 94 – 98.

[4-А] **Олимова Г.С.** Современные требования к формированию нравственных ценностей у учащихся в семье и школе. Вестник Таджикского национального университета. Издательский центр ТНУ. Сино. Душанбе. 2022. № 8. С. 261-268.

**II. Статьи, опубликованные в других изданиях и журналах:**

[5-А] **Олимова Г.С.** Социальная роль труда в духовном воспитании старшеклассников (на тадж.яз.) Материалы республиканской научно-теоретической конференции «Актуальные вопросы использования современной технологии в процессе обучения». Душанбе. ТНУ. 2011. С.117-119.

[6-А] **Олимова Г.С.** Пути совершенствования нравственного содержания трудового воспитания. Материалы республиканской научно-теоретической конференции профессорско-преподавательского состава и сотрудников ТНУ, посвященной «700-летию Мир Сайида Али Хамадони», «Году семьи» и Международному десятилетию действия «Вода для жизни». Душанбе. ТНУ. 2015. С.446-448.

[7-А] **Олимова Г.С.** Основные цели жизни и образования (на тадж.яз.) Материалы научно-теоретической республиканской конференции «Актуальные проблемы сравнительного языкознания в разносистемных языках». Душанбе. ТНУ. 2016. С.139-146.

[8-А] **Олимова Г.С.** Восприятие эстетики труда. Материалы научно-теоретической республиканской конференции «Актуальные проблемы терминологии в разносистемных языках». Душанбе. ТНУ. 2017. С. 96-100.

**[9-А] Олимова Г.С.** Воспитание нравственных потребностей старшеклассников в процессе трудового воспитания в практической деятельности образовательных школ. Материалы республиканской научно-практической конференции «Актуальные проблемы сравнительного языкознания в таджикском и английском языках», посвящённой «Году развития туризма и народных ремёсел». Душанбе. ТНУ. 2018. С.78-84.

[10-А] **Олимова Г.С.** Сотрудничество школы и семьи в формировании нравственных потребностей старшеклассников в процессе трудового воспитания. Материалы университетской научно-практической конференции «Проблемы изучения иностранных языков в современном мире». Душанбе. ТНУ. 2019. С. 110-115.

[11-А] **Олимова Г.С.** Развитие нравственных чувств и выработка навыков нравственного поведения на уроках английского языка. Материалы университетской научно-практической конференции «Актуальные проблемы сравнительного языкознания в таджикском и английском языках». Душанбе. ТНУ. 2021. С. 182-189.

**УДК: 372.842(575.3)**

**ББК: 74.261.7Англ**

**О- 54**

*Ба ҳуқуқи дастнавис*

**ОЛИМОВА ГУЛАНДОМ САФАРАЛИЕВНА**

# ТАШАККУЛИ АРЗИШҲОИ АХЛОҚИИ ДОНИШОМӮЗОН ДАР МАКТАБ (ДАР МИСОЛИ ДАРСҲОИ ЗАБОНИ АНГЛИСӢ)

## АВТОРЕФЕРАТИ

диссертатсия барои дарёфти дараҷаи илмии номзади илмҳо педагогӣ аз рӯйи ихтисоси 13.00.02 – Назария ва методикаи таълиму тарбия (вобаста ба соҳа ва сатҳи таҳсилот) (13.00.02.04 – Назария ва методикаи фанҳои гуманитарӣ, таҳсилоти миёнаи умумӣ)

**ДУШАНБЕ - 2023**

Таҳқиқот дар кафедраи умумидонишгоҳии педагогикаи Донишгоҳи миллии Тоҷикистон иҷро шудааст.

**Роҳбари илмӣ:** **Рузиева Лола Толибовна** – доктори илмҳои педагогӣ, профессори кафедраи забоншиносии умумӣ ва типологияи муқоисавии Донишгоҳи миллии Тоҷикистон

**Муқарризони расмӣ:** **Сайфуллоева Зарина Хайруллоевна -** докторӣ илмҳои педагогӣ, профессори кафедраи методикаи таълими факултети забонҳои романӣ-германии Донишгоҳи давлатии омӯзгории Тоҷикистон ба номи Садриддин Айнӣ

**Рустамова Гулбаҳор Абдурашидовна** - номзади илмҳои педагогӣ, дотсент, мудири кафедраи педагогика, психология ва методикаи таълими Донишгоҳи славянии Русияву Тоҷикистон

**Муассисаи пешбар:** **Донишгоҳи давлатии Кӯлоб ба номи Абӯабдуллоҳи Рӯдакӣ**

Ҳимояи рисола __________2023, соати 09.00 дар ҷаласаи Шӯрои диссертатсионии 6D.КОА-023 оид ба ҳимояи рисолаҳои докторӣ ва номзадии назди Донишгоҳи миллии Тоҷикистон (дар суроғаи: Ҷумҳурии Тоҷикистон, ш. 734025, Душанбе, хиёбони Рӯдакӣ, 17) баргузор мегардад.

Бо мухтавои рисола тавассути китобхонаи илмии Донишгоҳи миллии Тоҷикистон ва вебсайти www.tnu.tj шинос шудан мумкин аст.

Автореферат рӯзи "_______" ______________ 2023 фиристода шуд.

**и.в. котиби илмии**
**Шӯрои диссертатсионӣ 6D.КОА-023,**
**номзади илмҳои педагогӣ, дотсент** **Абдуллоева Т.М.**

# МУҚАДДИМА

**Муҳим будани мавзӯи таҳқиқот**. Тарбияи ахлоқӣ дар раванди таълими донишомӯзони муассисаҳои таҳсилоти умумӣ ҳамеша дар маркази таваҷҷуҳи муҳаққиқон қарор дошт. Дар навбати худ, табдил додани талаботи ахлоқии ҷомеаи демократӣ, ҳуқуқбунёд ва соҳибихтиёр ба меъёр ва рафтори ҳуқуқии ҳар як шаҳрванд, бахусус насли наврас ва аз ҷумла донишомӯзони муассисаҳои таҳсилоти умумӣ яке аз масъалаҳои мубрами педагогикаи муосир ба шумор меравад. Ҳаллу фасли масъалаи мазкур ба аҳли ҷомеаи педагогии муассисаи таҳсилотӣ вобаста аст, ки ин ба муваффақияти умумӣ дар тарбияи насли сазовор алоқамандӣ дорад.

Аҳамият ва мубрамии тарбияи ахлоқии донишомӯзон дар раванди таълими забони англисӣ дар шароити соҳибистиқлолии Ҷумҳурии Тоҷикистон дар қарорҳои Ҳукумати Ҷумҳурии Тоҷикистон: «Консепсияи мактаби миллӣ», «Консепсияи миллии маориф дар Ҷумҳурии Тоҷикистон», стандартҳои давлатии самтҳои гуногуни таҳсилоти умумӣ ва касбӣ, «Консепсияи миллии тарбия», «Барномаи давлатии такмили таълим ва омӯзиши забонҳои русӣ ва англисӣ дар Ҷумҳурии Тоҷикистон дар давраи то соли 2030» ва ғайра, ки аз аҳамияти тарбияи ахлоқии донишомӯзон дар муассисаҳои таҳсилоти умумӣ дар раванди таълим шаҳодат медиҳанд, инъикос ёфтаанд.

Дигаргуниҳои асосӣ дар ҳаёти ҷамъиятию сиёсӣ, иқтисодӣ ва иҷтимоии ҷомеа ба таври боварибахш баланд бардоштани савияи тарбияи ахлоқии ҷавонон, тарғиби инсондӯстию накукорӣ, шарофатмандию ва адолати иҷтимоиро талаб мекунанд. Муассисаи таҳсилоти умумӣ вазифадор аст, ки на танҳо инсони оқилу бомаърифат, балки шаҳрванди дорои ахлоқи баландро дар ҷомеа тарбия намояд. Муассисаи таҳсилоти умумии муосир бояд пайваста дар ҷустуҷӯи самарабахштарин методҳо ва усулҳои таълиму тарбияи насли наврас бошад.

Дар Паёми Пешвои миллат Президенти Ҷумҳурии Тоҷикистон муҳтарам Эмомалӣ Раҳмон ба Маҷлиси Олии Ҷумҳурии Тоҷикистон аз 26 январи соли 2021 қайд карда шудааст: «Фарҳанг дар ҷомеаи башарӣ яке аз воситаҳои муҳими тарбия ва баланд бардоштани сатҳи дониши аҳли ҷомеа ба ҳисоб меравад. Он дар ташаккули арзишҳои ахлоқию маънавии ҷомеа, бахусус дар миёни ҷавонон, нақши калидӣ дорад».

Нақши таълими забони хориҷӣ (аз ҷумла, забони англисӣ) дар ташаккули арзишҳои ахлоқии донишомӯзон хеле муҳим аст. Донишомӯзонро бо истифодаи воситаҳои асосии таълим, ниёзҳои ахлоқӣ, малакаҳои бартарафсозии камбудиҳо, ҳисси масъулиятшиносӣ тарбия кардан лозим аст ва дар онҳо шавқу ҳавасро ба оянда инкишоф бояд дод.

Ташаккули арзишҳои ахлоқии донишомӯзон дар раванди таълими забони англисӣ дар айни замон яке аз муҳимтарин ҳадафҳои рушди муассисаи таҳсилоти миллӣ мебошад. Дар шароити муосири гузариши иқтисодиёти кишвари мо ба муносибатҳои бозорӣ интихоби соҳаи таълими забони англисӣ ба мушкилӣ мувоҷеҳ мегардад.

Ташаккули арзишҳои ахлоқӣ тавассути таълими забони англисӣ як раванди хеле мураккаб аст; аз ҳар як тарбиятгар маҳорати баланд, санъат ва муносибати хубро талаб мекунад. Дар замонҳои хеле қадим аҷдоди тоҷикон ба тарбияи ахлоқии фарзандон аҳамияти хоса медоданд. Дар китоби муқаддаси қадимии точикон «Авесто» дар бораи тарбияи ахлоқии фарзандон андешаҳои асил мавҷуданд. Сурудҳои муқаддаси «Авесто» падару модаронро даъват мекунанд, ки фарзандони худро дар рӯҳияи эҳтиром нисбат ба инсон ва ба меҳнат ҳамчун сарчашмаи асосии ҳаёт дар рӯйи замин тарбия кунанд. Онҳо дар баробари тарбияи ахлоқии фарзандон онҳоро неруманду тавоно, тобовар ва хушахлок тарбия мекарданд. Ин андешаҳоро муаррихони Юнони қадим ҳам тасдиқ мекунанд. Масалан, ба қавли Ксенофонт, «ба бачаҳо камонварӣ ва найзапартоиро меомӯзонданд, онҳоро ба корҳои ҳарбӣ ва шикор тайёр мекарданд».

Мо ғояҳои тарбияи ахлоқиро дар раванди таълим дар осори файласуфони қадим мебинем, ки минбаъд дар назарияи мувофиқ дар илми психология ва педагогика шакл гирифтаанд.

Муаллими бузург А.С.Макаренко дар бораи инкишофи ҳаматарафаи шахсият таълифоти зиёд дорад. Ӯ дар бораи нақши таълим дар тарбияи ахлоқии шахс возеҳан ибрози назар намудааст. К.Д. Ушинский, асосгузори педагогикаи рус ба тарбияи барвақтии кудакон баҳои баланд дода, онро яке аз муҳимтарин омилҳои ташаккули шахсият медонад. Ӯ менависад: «Хулқу хислати инсон бештар аз ҳама дар солҳои аввали ҳаёти ӯ ташаккул меёбад ва он чи ки дар ин хулқ аст аст, дар ин солҳо устуворона ҷо гирифтааст, ба табиати дуюми инсон табдил мегардад. Ҳар он чизе, ки инсон минбаъд азхуд мекунад, ҳеҷ гоҳ он умқеро надорад, ки дар айёми кудакӣ ба даст овардааст [Ушинский 1988, 338].

**Дараҷаи коркард шудани проблема**

Дар раванди таълими забони англисӣ масъалаҳои тарбияи ахлоқии донишомӯзон дар як қатор таҳқиқоти бунёдии омӯзгорон, равоншиносон, файласуфҳо, ҷомеашиносон инъикос ёфтаанд. Чунин педагогҳои номдор, ба монанди П.Р. Атутов, Н.И.Болдирев, А.И.Донтсов, А.В.Мудрак, В.Н.Монахов, В.Г.Иванов, И.С.Кон, М.Омаров, А.С.Фриш, В.Чурбонов ва дигарон бисёр ҷиҳатҳои тарбияи ахлоқии донишомӯзони синфҳои ибтидоиро мавриди омӯзиш қарор додаанд. Онҳо муҳтаво ва мавқеи тарбияи ахлоқию одобӣ ва меҳнати фоиданоки ҷамъиятиро аз ҷиҳати назариявӣ асоснок карданд.

Дар асарҳои муаллифоне аз қабили Г.Гайдулина, С.Я. Батишев, А. А.Василев, Н.П. Семкин, И.В. Иванов, С. Чорин ва дигарон шаклу методҳои ба амал баровардани тарбияи ахлоқии насли наврас омӯхта шудаанд, ки ин барои таҳқиқоти мо аз аҳамияти калон бархӯрдор аст.

Асарҳои илмии М. С.Шабалов, С.Г. Шаповаленко, А. А.Шибанова, К.И. Иванович, М.Н. Скаткина, Д. А.Эйнштейн, М.И. Жиделева, В. С.Лиденова ва ғайра ба ҳалли масъалаҳои тарбияи ахлоқӣ дар раванди таълим бахшида шудаанд.

Чунин олимони ватанӣ, монанди Х.А.Абдунадиров, М.Лутфуллоев, И.В. Карамзин, Г.Я. Пелипенко, А. Гаффаров, Ш.М. Рӯзиев, А.Миралиев, Л.Назирова, М.И. Ниниашвили, И.О. Обидов, И. Каримова, Н.Шоев, Ш.А. Шарапов, Т. А.Шукуров, А Пахлавонов, Х. Рахимзода ва дигарон масъалаҳои тарбияи ахлоқиро бо назардошти вижагиҳои миллӣ мавриди пажӯҳиш қарор додаанд.

Баъзе таҳқиқот (С. Яъқубов) тарбияи ахлоқии донишомӯзони муассисаи таҳсилоти миёнаи деҳотро таҳлил мекунанд. Ташаккули арзишҳои ахлоқии донишомӯзон бо назардошти анъанаҳои миллӣ сурат мегирад (Н.Раҳмонова, А.Гулов). Тарбияи ахлоқии кудакон ва донишомӯзони муассисаҳои таҳсилоти умумӣ проблемаи комплексӣ буда, дар пайвандгоҳи як қатор илмҳои гуманитарӣ ва ҷамъиятӣ карор гирифтааст. Дар ин диссертатсия проблемаи мазкур аз мавқеи педагогӣ мавриди таҳқиқ қарор гирифта бошад ҳам, вале аз комьёбиҳои чунин соҳаҳои илми ҷамъиятшиносӣ, ба монанди таърих, фалсафа, психология, сотсиология, психологияи иҷтимоӣ ва ғайра истифода шудааст.

Масъалаҳои ташаккули арзишҳои ахлоқӣ, тарбияи сифатҳои волои шахсии донишомӯзони муассисаҳои таҳсилоти ҳамагонӣ дар пажӯҳишҳо, инчунин дар осори олимоне, ба мисли Ф.Ш.Шарипов, Х.Б.Буйдоқов, Қ.Б.Қодиров, С.Қодиров, С.Сулаймонӣ, Ҷ.Шарипов, Б.Раҳимов, Қ.С.Абдурахмонов, Б.Маҷидова, Д.Расулов, У.Юлдошев, У.С.Умаров, М.Нуъмонов ва дигарон ба назар мерасад.

Дар асоси адабиёти педагогӣ, психологӣ, фалсафӣ ва сотсиологӣ мафҳуми тарбияи ахлоқӣ ҳамчун низоми ташаккули тарбияе карор дорад, ки ниёз ба ахлоқ, вазифа, масъулият, эҳтиром ба меҳнати худ ва дигаронро эҳсос мекунад. «Тарбияи ахлоқӣ равандест, ки ба ташаккул ва инкишофи ҳамаҷонибаи шахсияти кӯдак нигаронида шудааст. Вай ташаккули муносибати кудакро нисбат ба Ватан, ҷомеа, ҳамкорон, одамон, меҳнат, уҳдадориҳои худ ва шахси худ дарбар мегирад. Дар раванди тарбияи ахлоқӣ дар донишомӯзон ҳисси ватандӯстӣ, рафоқат, ҷамоатгароӣ, муносибати фаъолона ба воқеият ва меҳнатдӯстӣ ташаккул меёбад. Тарбияи ахлоқӣ фаъолияти худи шахсиятро дар бар мегирад, ки меъёрҳои ахлоқиро азхуд мекунад, мавқеъҳои муайяни ҳаётиро мустақилона ташаккул медиҳад, ки дар муносибат ба воқеият ӯро роҳнамоӣ мекунад» [Висотская 2006, 69]. Таҳлили таърихию педагогӣ

имкон медиҳад, ба хулосае омад, ки сарфи назар аз миқдори ҳангуфти иттилооти илмӣ оид ба тарбияи ахлоқии донишомӯзон, ба ташаккули арзишҳои ахлоқии донишомӯзон дар раванди таълими забони хориҷӣ (аз ҷумла, забони англисӣ) таваҷҷуҳи кофӣ дода нашудааст.

Муаллиф дар таҳқиқоти пешниҳодшуда ба синни хурдсол рӯ меоварад, ки ба адабиёти равоншиносӣ ҳамчун мафҳуми васеи «давраи кӯдакӣ» ворид шудааст. Дар ин давра вазъияти иҷтимоии рушд, ки дар бораи он Л.С.Виготский сухан рондааст, нихоят мухим аст, зеро ташаккули худшиносии шахс ба амал меояд, ки дар навбати худ нисбат ба ташкили раванди таълими забони хориҷӣ( аз ҷумла, забони англисӣ) талабҳои махсус мегузорад.

Дар ташкили ин раванд нақши омӯзгор хеле муҳим аст. Моҳияти фаъолияти тарбиявии омӯзгор ё роҳбари синф дар ташаккули фарҳанги ахлоқии донишомӯзон ин ташаккули муносибати онҳо ба одамони дигар, ба худ, ба меҳнат ва табиат мебошад. Мақулаи муносибат бо одамони дигар тарбияи инсондӯстӣ, эҳтироми байниҳамдигарии одамон, ёрии мутақобилаи дӯстона ва серталабӣ, тарбияи ғамхорӣ нисбати хурдсолон дар оила, муносибати эҳтиромона нисбат ба намояндагони ҷинси муқобилро дар назар дорад.

Шарти муҳими тарбияи инсондустӣ ташкили кори дастаҷамъии тарбиявӣ ва фоиданоки ҷамъиятӣ мебошад, ки дар он донишомӯзон дар вазъияти бевоситаи ғамхорӣ нисбат ба дигарон, ёрӣ ва дастгирӣ, ҳимояи хурдсолон ва нотавонҳо гузошта мешаванд. Чунин ҳолатҳо бевосита дар ҷараёни кори муштарак пайдо мешаванд ё аз ҷониби омӯзгор махсус пешбинӣ шуда метавонанд.

Дар шароити муассисаи таҳсилоти умумӣ вазифаҳои зерини тарбияи ахлоқии донишомӯзон дар раванди таълими забони хориҷӣ (аз ҷумла, забони англисӣ) ҳал карда мешаванд:

- рушди арзишҳои ахлоқӣ дар байни донишомӯзон ҳамчун арзишҳои олии ҳаёт, ангезаҳои муҳими иҷтимоӣ барои фаъолияти фоиданоки ҷамъиятӣ;

-ташаккули шавқу завқи фарогирии дониш, хоҳиши истифодаи дониш дар амалия, ташаккули ниёзҳо ба таълими ҳамаҷониба;

- инкишофи сифатҳои волои ахлоқӣ;

- рушди арзишҳои масъулият ва вазифа, мақсаднокӣ ва ташаббускорӣ, кордонӣ ва ростқавлӣ.

Савияи инкишофи ахлоқии шахсияти донишомӯзон дарачаи ташаккули арзишҳои ахлоқии ӯро тавсиф мекунад. Аммо дар баробари ин бояд ба назар гирифт, ки инкишофи сифатии шахсияти донишомӯзон на танҳо ба туфайли фаъолияти тарбиявии омӯзгор, балки ба туфайли саъю кӯшиши худи донишомӯз низ имконпазир мегардад. Фақат дар раванди таълим татбиқи самараноктари ин фаъолият имконпазир аст, зеро «таҳсилот - ин раванд ва натиҷаи аз тарафи донишомӯзон

азхудкунии низоми донишҳои илмӣ ва малакаю маҳоратҳои маърифатии донишомӯзон, дар асоси онҳо ташаккулёбии ҷаҳонбинӣ, ахлоқ ва дигар сифатҳои шахс, инкишофёбии неруи эҷодӣ ва қобилиятҳо ӯ мебошад» [Бабанский, Ю.К. Проблемаҳои баланд бардоштани самаранокии таҳқиқоти педагогӣ: Ҷанбаи дидактикӣ / Ю.К. Бабанский. – М.: Педагогика. - 1982. - 192с.].

Барои ташаккули самараноки арзишҳои ахлоқии донишомӯзони синфҳои болоӣ дарсҳои забони англисӣ аз имконоту иқтидори калон бархӯрдоранд. Рушди маънавию ахлоқӣ ва такмилёбии шахсият, инчунин васеъ намудани имконоти маърифатии донишомӯзон ва ташаккули ҷаҳонбинии мусбати онҳо - яке аз ҳадафҳои курси забони англисӣ дар муассисаи таҳсилоти миёнаи умумӣ мебошад. Дар дарсҳои забони англисӣ донишомӯзон мафҳумҳои ахлоқии шафқат, меҳрубонӣ, адолат ва ғайраро меомӯзанд ва аз рӯйи онҳо амал мекунанд. Донистани ҳар гуна забон тавассути мутолиаи асарҳоиадабиёти бадеӣ такмил меёбад.

Асари бадеӣ, ки дар он эҳсосот ва андешаҳои наҷиби инсонӣ ифшо мегардад, имкон медиҳад, ки донишомӯзон ба сифатҳо ва кирдорҳои худ баҳо дода, дониш ва меъёрҳои ахлоқиро азхуд кунанд ва мустаҳкам намоянд. Донишомӯзони хурдсол бо роҳнамоии нависандаи боистеъдод ба моҳияти падида, ба фазои ҳамдардӣ, баҳодиҳии отифавӣ ба неку бад роҳ меёбанд.

Дар тамоми муддати солҳои таҳсил дар муассисаи таҳсилоти умумӣ ташаккули арзишҳои ахлоқӣ дар донишомӯз сурат мегирад. Аммо ҳассосияти беҳамто ба рушди маънавию ахлоқӣ ва заминаи самтгирии ахлоқӣ маҳз дар мактаб гузошта мешавад. Бо назардошти ин, мубрамии таҳқиқот дар он аст, ки байни мақсаднокии ташаккули арзишҳои ахлоқӣ дар донишомӯзон дар дарси забони англисӣ ва набудани кори ҳадафманди омӯзгорон дар ин самт зиддиятҳои ошкор вуҷуд доранд.

Қонуни Ҷумҳурии Тоҷикистон «Дар бораи масъулияти падару модар дар таълиму тарбияи фарзанд» дар ин замина хеле муҳим ва саривақтӣ мебошад. Дар оила ба тарбияи дурусти фарзандон бо ҳар гуна воситахои дар ҳар як оила барои ташаккули шуурнокии ахлоқии онҳо мавҷудбуда: суҳбатҳо, бо овози баланд хондани китоб ба кудакон, нақл кардани афсонаҳо, бозиҳо, талқин кардан ва ғайра, инчунин ибрати шахсии падару модарон, тарбияи меҳнатӣ ва эстетикӣ дар оила, робитаю алока бо табиат кумак карда метавонад. Афсонаҳо аз неруи бузурги таъсиррасонӣ ба эҳсосот ва тахайюлоти кӯдакон бархӯрдоранд. Маҳз дар афсонаҳо ахлоқи амиқ, тахайюли муъҷизанок ва хиради чандинасраи андухтаи бисёр наслҳо гирд оварда шудааст. Неруи тарбиявии намунаи ибрати волидон бениҳоят бузург аст. Кудакон дар рафтори худ волидайни худро дар ҳама чиз, то ба ҳадди имову ишора ва ибораҳои лафзӣ нусхабардорӣ мекунанд. Дар оилаҳое, ки калонсолон

ростгӯ ва поквиҷдон буда, ба меҳнат софдилона муносибат мекунанд ва нисбат ба одамон мехрубон мебошанд, тарбияи ахлоқии фарзандон бе ҳеҷ гуна инҳирофот сурат мегирад.

**Робитаи таҳқиқот бо барномаҳо (лоиҳаҳо), мавзуъҳои илмӣ**

Таҳқиқот дар чаҳорчӯбаи самти илмию таҳқиқотии кафедраи педагогикаи умумидонишгоҳӣ сурат гирифта, дар ҷараёни он муаллиф се мақолаи илмӣ омода ва нашр кардааст, ки дар муҳтавои онҳо таҳқиқоти диссертатсионӣ инъикос ёфтааст.

## ТАВСИФИ УМУМИИ ТАҲҚИҚОТ

**Мақсади таҳқиқот** аз ҷиҳати назариявӣ асоснок кардан ва дар таҷриба исбот кардани самаранокии дарсҳои забони англисӣ дар ташаккули арзишҳои ахлоқии донишомӯзон мебошад.

Мутобиқи мақсади интихобгардида **вазифаҳои** зерини таҳқиқот тасвият карда мешаванд:

1. таҳлил ва омӯзиши асосҳои иҷтимоию педагогии ташаккули арзишҳои ахлоқии донишомӯзон;
2. таҳияи равишҳои банизомоварӣ ва таҳлили донишҳои назариявӣ дар дарсҳои забони англисӣ, ки ба ташаккули арзишҳои ахлоқии донишомӯзон мусоидат мекунанд;
3. роҳҳо, шаклҳо, методҳо ва усулҳои асосии таъсири раванди таълиму тарбияро ба ташаккули арзишҳои ахлоқии донишомӯзон муайян мекунад;
4. ба тариқи таҷрибавӣ самаранокии дарсҳои таҳияшудаи забони англисӣ аз лиҳози ташаккули арзишҳои ахлоқӣ барои донишомӯзон санҷида шавад.

**Объекти таҳқиқот** раванди ташаккули арзишҳои ахлоқӣ дар дарсҳои забони англисӣ барои донишомӯзон дар раванди таълим мебошад.

**Мавзӯи таҳқиқот** ташаккули арзишҳои ахлоқии донишомӯзон дар дарсҳои забони англисӣ мебошад.

Ҳамчун **фарзия,** нуктаҳое дар бораи он пешниҳод карда шудаанд, ки ташаккул, такмил ва рушди арзишҳои ахлоқӣ дар дарсҳои забони англисӣ барои донишомӯзон муваффақтар хоҳад буд, агар:

- гурӯҳи арзишҳои ахлоқӣ бо дарназардошти вижагиҳои синнусолии идрок ва хулосабарории донишомӯзон интихоб карда мешавад;
- дар ҷараёни машғулият дар дарсҳои забони англисӣ донишомӯзон барои аз ҷиҳати отифавӣ ба қабул ва идроки мафҳуми ахлоқӣ ҳавасманд карда мешаванд;
- дар раванди таълим маводе истифода мешаванд, ки ба ташаккули муносибати арзишии донишомӯзон ба мафҳумҳои ахлоқӣ мусоидат мекунанд.

Таҳқиқот дар се марҳила гузаронида шуд.

*Марҳилаи аввал (солҳои 2018-2019).* Дар ин марҳила масъалаҳои назариявӣ ва методии проблемаи ташаккули арзишҳои ахлоқии донишомӯзон дар мауассисаҳои таҳсилоти умумии Ҷумҳурии Тоҷикистон мавриди омӯзиш қарор гирифтанд. Оид ба ин мавзуъ ҳаҷми калони мавод ҷамъоварӣ карда шудааст.

*Марҳилаи дуюм (солҳои 2019-2020).* Маводи оид ба ташаккули арзишҳои ахлоқии донишомӯзон дар дарсҳои забони англисӣ, аз ҷумла: муҳаббат ба Ватан, арҷ гузоштани оила, эҳтироми калонсолон, муносибати пешқадам ба меҳнат, шуурнокии баланди вазифаи ҷамъиятӣ, коллективизм ва ёрии байниҳамдигарии рафиқона мавриди таҳлил қарор гирифтанд. Низоми воситаҳои бо эҳсосоти мусбати ахлоқӣ ғанигардонии донишомӯзон асоснок ва дар амал санчида шуд.

Дар *марҳилаи сеюм (солҳои 2020-2022)* ба таҳияи низоми ташаккули арзишҳои ахлоқии донишомӯзон бахшида шуда, доир ба нақши аҳли меҳнати омӯзгорон ва оила дар тарбияи насли наврас дар давраи истиқлолияти Ҷумҳурии Тоҷикистон хулосаву пешниҳодҳо баён карда шуданд.

**Асоси методологии таҳқиқот**

Барои таҳлил ва ҷамъбасти далелу падидаҳои педагогӣ дар таҳқиқот равишҳои бонизому сохторӣ ва функсионалӣ истифода шудаанд, ки асосҳо, муҳтаво ва мақсадҳои онҳо дар асарҳои В.Г.Афанасьев, И.В.Блауберг, М.С.Каган, В.П. Кохановский, А.М.Новиков, В.С.Швирев, Е.Г. Юдин ва дигарон бозгӯ шудаанд..

Муассисаҳои таҳсилоти миёнаи умумии муосир инсонро на танхо барои иҷрои як силсила фаъолиятҳои касбӣ тайёр мекунанд, балки ба ӯ як ҳаҷми донишҳоеро медиҳанд, то ки ӯ дар фаъолияти истеҳсолӣ эчодкорона муносибат кунад, техника, технология ва ташкили истеҳсолотро такмил диҳад. Мо ҳамчунин робитаи мутақобилаи тарбияи ахлоқиро бо дигар самтҳои тарбия мавриди омӯзиш қарор додем (Р. Х. Ахмеджанов, Х. Ҷонназарова, С. Исоев).

**Методҳои асосии таҳқиқот** таҳлили назариявӣ оид ба мавзӯи таҳқиқи барномаҳои таълимӣ ва воситаҳои таълимӣ дар педагогикаи муассисаҳои таҳсилоти умумӣ, ҷамъбаст ва таҳлили таҷрибаи фаъолияти таълиму тарбиявии муассисаҳои таҳсилоти умумии Ҷумҳурии Тоҷикистон оид ба тарбияи ахлоқии донишомӯзон тавассути таълими забони англисӣ, методҳои таҳқиқоти таҷрибавӣ; муқоиса ва ҷамъбаст, пурсиш, суҳбат, санҷиш, мунозираҳо ва мушоҳидаҳо мебошанд.

**Проблемаи таҳқиқот** аз ҷустуҷӯи асосҳо ва равишҳои татбиқи таҳлили илмшиносӣ, инкишофи назарияи тарбияи ахлоқии донишомӯзон дар раванди таълими забони хориҷӣ (аз ҷумла, забони англисӣ) дар педагогикаи муосир иборат мебошад.

**Пойгоҳи таҷрибавии таҳқиқот** муассисаҳои таҳсилоти миёнаи умумии № 18, 35, 56, 89-и шаҳри Душанбе ва литсейи №1 барои кӯдакони лаёқатманди шаҳри Душанбе (640 нафар) мебошанд.

**Навгонии илмии таҳқиқот:**

- асосҳои назариявии ҳалли проблемаи ташаккули арзишҳои ахлоқӣ дар дарси забони англисӣ барои донишомӯзон муайян карда шудаанд;
- тавсифоти психологию педагогии синни хурдсоли мактабӣ ва ҳассосияти он ба раванди ташаккули арзишҳои ахлоқӣ, таҳлили вазъи кунунии ташаккулёбии арзишҳои ахлоқӣ дар дарсҳои забони англисӣ дар байни донишомӯзон;
- муҳтаво, шаклҳо ва методҳои таълим оид ба ташаккули арзишҳои ахлоқии донишомӯзон дар дарсҳои забони англисӣ ба тариқи таҷрибавӣ татбиқ ва санҷида шуд.

**Нуктаҳои ба ҳимоя пешниҳодшаванда:**

1. Муайян карда мешавад, ки тамоюлҳои асосии ташаккули арзишҳои ахлоқӣ дар дарсҳои забони англисӣ барои донишомӯзон шакли беруназсинфии фаъолияти муассисаҳои таҳсилоти умумӣ мебошанд.
2. Ошкор карда мешавад, ки муташаккилӣ ва мақсаднокии ташаккули арзишҳои ахлоқӣ дар оила ба фаъолияти мустақилонаи донишомӯзон мусоидат мекунад.
3. Муқаррар мегардад, ки дарсҳои забони англисӣ дар рушди маънавию ахлоқии донишомӯзон, аз ҷумла дар ташаккули тасаввурот ва арзишҳои ахлоқӣ аз имконоти бузург бархӯрдор мебошанд.
4. Муайян карда шудааст, ки кори мақсаднок оид ба ташаккули арзишҳои ахлоқӣ дар байни донишомӯзони синфҳои ибтидоӣ, асосан, дар дарси забони англисӣ ба туфайли истифода аз як силсила усулҳои педагогӣ сурат мегирад.

**Аҳамияти назариявии таҳқиқот** дар он аст, ки моҳияти раванди ташаккули арзишҳои ахлоқии донишомӯзон дар дарсҳои забони англисӣ муайян карда шуда, маҷмӯи дарсҳои таҳияшудаи забони англисӣ дар такмил ва мушаххассозии назарияи тарбияи ахлоқии донишомӯзон бешубҳа саҳмгузор мебошад.

**Аҳамияти амалии таҳқиқот** дар татбиқи маҷмӯи дарсҳои забони англисӣ муайян карда мешавад, ки самаранокии ташаккули арзишҳои ахлоқии донишомӯзонро дар дарсҳои забони англисӣ афзоиш медиҳад. Маводи рисолаи илмиро метавон дар амалияи таълимии омӯзгорони синфҳои ибтидоӣ ҳангоми ташаккули арзишҳои ахлоқӣ истифода гнамуд. Натиҷа ва хулосаҳои таҳқиқоти мо метавонанд барои омӯзгорони забони англисии муассисаҳои таҳсилоти миёнаи умумӣ мароқангез бошанд.

**Эътимоднокии натиҷаҳои таҳқиқот** тавассути таҳлили маводи илмӣ, низоми мушоҳидаҳои педагогӣ ва ташкили муносиби таҷрибаи педагогӣ таъмин карда шуд. Натиҷа ва хулосаҳои таҳқиқот бадастомада дорои ҷанбаҳои илмӣ ва асоснокии мавқеъҳои назариявию методӣ мебошанд.

Дар айни замон ба падидаи тарбияи ахлоқӣ метавон бидуни баҳодиҳиҳои идеологӣ ва муғризона назар кардан мумкин аст, аммо таҳқиқоти муосире, ки амалан ба таҳлили интиқодӣ ва созандаи назарияи тарбияи ахлоқӣ бахшида шудаанд, вуҷуд надорад. Ҳамин тариқ, омӯзиши асарҳои омӯзгорони ватанӣ оид ба ин проблема метавонад дар илм ва амалияи муосири педагогӣ саҳми арзанда бошад. Мубрамии ташаккули арзишҳои ахлоқӣ дар дарсҳои забони англисӣ барои донишомӯзони муассисаҳои таҳсилоти умумии Тоҷикистон дар раванди таълим, аҳамияти назариявӣ ва амалии он, коркарди нокифояи педагогӣ интихоби мавзӯи таҳқиқоти диссертатсионии мазкурро муайян намуда, объект, мавзуъ, мақсад ва вазифаҳои онро муайян намуд.

**Мутобиқати диссертатсия ба шиносномаи ихтисоси илмӣ**

Мавзӯъ ва муҳтавои диссертатсия ба шиноснома аз рӯйи ихтисоси 13.00.02 – Назария ва методикаи таълиму тарбия (вобаста ба соҳа ва сатҳи таҳсилот) (13.00.02.04 – Назария ва методикаи фанҳои гуманитарӣ, таҳсилоти миёнаи умумӣ), инчунин Феҳристи ихтисосҳое, ки аз рӯйи онҳо дар Ҷумҳурии Тоҷикистон Тоҷикистон дараҷаи илмӣ дода мешавад, мувофиқат мекунад, ки он бо қарори Раёсати Комиссияи олии аттестатсионии назди Президенти Ҷумҳурии Тоҷикистон аз 30 ноябри соли 2017 № 5/2 тасдиқ шудааст.

**Саҳми шахсии довталаби дараҷаи илмӣ** аз таҳқиқи махсуси такмили муҳтавои эҷодиёти техникии донишомӯзон, таҳияи методикаи кор оид ба амалӣ намудани дониш ва маҳоратҳои махсус дар шароити таҳсилоти иловагӣ иборат аст. Муаллиф таҷрибаи пурғановати методиро дар бобати проблемаҳои таҳқиқшаванда амиқан таҳлил ва ҷамъбаст намуда, мақолаҳои илмӣ омода ва нашр намуда, барои таҳқиқоти минбаъда дар ин самт тавсияҳо пешниҳод кардааст.

**Тасвиби нуктаҳо ва натиҷаҳои таҳқиқот**, дар гузоришу мақолаҳои илмии муаллиф инъикос ёфтааст. Ҷараёни таҳқиқот, нуктаҳо ва натиҷаҳои асосии он дар ҷаласаҳои кафедраи педагогика, кафедраи забони англисӣ ва конференсияҳои ҷумҳуриявии илмию амалии ҳайати профессорону омӯзгорони Донишгоҳи миллии Тоҷикистон, инчунин дар семинарҳо, машваратҳо бо омӯзгорон мавриди баррасӣ қарор гирифт.

Илова бар ин, натиҷаҳои таҳқиқот дар курсҳои такмили ихтисоси омӯзгорони муассисаҳои таҳсилоти умумӣ, машваратҳои ҷумҳуриявӣ, конференсияҳои назариявию амалии омӯзгорон, хонишҳои педагогӣ ва симпозиумҳо, инчунин дар конференсияҳои илмию таҳқиқотӣ, ки дар Донишгоҳи миллии Тоҷикистон (солҳои 2012-2020)баргузор гардиданд, истифода шудаанд.

Дар асоси натиҷаҳои таҳқиқот дастури методӣ барои омӯзгорони муассисаҳои таҳсилоти умумӣ таълиф ва нашр гардид. Нуктаҳои асосии муҳтавои диссертатсия дар мақолаҳои илмӣ инъикос ёфта, дар конференсияҳои байналмилалӣ ва ҷумҳуриявӣ гузориш дода шудаанд.

**Интишорот дар мавзӯи диссертатсия**. Натиҷаҳои асосии таҳқиқот дар 10 мақолаи илмие, ки дар маҷмӯаҳои мақолаҳои илмӣ ба табъ расидаанд, дар маводи конференсияҳои илмии байналмилалӣ оварда шудаанд, ки аз ҷумла 4 мақола дар маҷаллаҳои тақризшавандаи Феҳристи тавсиянамудаи Комиссияи олии аттестатсионии назди Президенти Ҷумҳурии Тоҷикистон ва КОА Вазорати маориф ва илми Федератсияи Россия ба табъ расидаанд.

**Сохтори диссертатсия**. Диссертатсия аз муқаддима, ду боб, хулоса ва рӯйхати адабиёт иборат аст. Муҳтавои рисолаи илмӣ дар 170 саҳифаи матни чопи компютерӣ иншо гардида, 3 ҷадвал, 8 ангора, рӯйхати адабиёту маъхазҳои истифодашудаи иборат аз 164 номгӯйро дар бар мегирад.

## МУҲТАВОИ АСОСИИ ТАҲҚИҚОТ

Дар **муқаддима** мубрам будан ва дараҷаи коркарди проблемаи таҳқиқшаванда асоснок гардида, объект, мавзуъ, мақсад, вазифаҳои таҳқиқот муайян ва фарзия пешниҳод шуда, асосҳои методологӣ ва методҳои таҳқиқот нишон дода мешавад; нуктаҳои ба ҳимоя пешниҳодшаванда, навгонии илмӣ, аҳамияти назариявӣ ва амалии натиҷаҳои таҳқиқот тасвият шудаанд.

Дар ***боби якум*** таҳти унвони **«Асосноккунии назариявии ташаккули арзишҳои ахлоқии донишомӯзон дар дарсҳои забони англисӣ»** қайд карда шудааст, ки яке аз муҳимтарин воситаҳои ташаккули тарбияи ахлоқии насли наврас низоми таълими меҳнат мебошад.

Таҳсил дар муассисаҳои таҳсилоти умумӣ, дар оила, дар ҷомеа омили муҳими ба воя расонидани инсони оянда аст, ки дорои сифатҳои баланди ахлоқӣ буда, эҳтироми одамонро ба ҷо меорад ва мувофиқан дар оянда аз рӯйи ихтисоси интихобкардааш кор карда метавонад, ба ҷомеа нафъ мерасонад, зеро бо ангезаи мусбат, худи кудак кӯшиш мекунад, ки намунаи рафтори ахлоқӣ бошад.

Падару модарон бо роҳи густариши машғулиятҳои берунazсинфӣ ба муассисаи таҳсилотӣ метавонанд кумаки калон расонанд. Баъзе падару модарон мутахассиси соҳаҳои алоҳидаи илм, техника ва санъат буда, метавонанд бо донишомӯзон маҳфилҳо ва курсҳои махсусро баргузор намоянд. Баъзе волидоне, ки омодагии хуб доранд, метавонанд бо кӯдакони ақибмонда кӯмак расонанд. Волидоне ҳастанд, ки метавонанд дар ташаккули арзишҳои ахлоқии хонандагон саҳм гузоранд. Онҳо бо муносибати моҳиронаи худ ба кудакон, бо таваҷҷуҳ ва навозиш, ҷалби онҳо ба оилаи худ, наздикшавӣ бо кӯдак кафолат медиҳанд, ки

кудак дар ҷаҳони мураккаби муосир дуруст самтгирӣ карда тавонад ва муҳимтар аз ҳама, арзишҳои ахлоқии ташаккулёфтаи худро дошта бошад.

Вазифаи тарбияи ахлоқӣ ташаккули сифату хислатҳои волои шахсият, муносибати ахлоқӣ нисбат ба атрофиён дар раванди таълим мебошад.

Зарур аст, ки ҳар як шахс аз хурдсолӣ роҳи дурусти шарҳи илмии падидаҳои олами атроф, ҳодисаҳои табиат ва ҷамъиятро пеш гирифта, фикри худро ба забони англисӣ баён карда тавонад.

Вазифаи муассисаи таҳсилотӣ аз он иборат аст, ки ба кудакон ба андозаи дастрасии синну сол, донишҳои мусбати табиию илмӣ ва иҷтимоӣ диҳад. Барои донишомӯзони хурдсол хондан ва нақл кардани мақолаҳои бадеӣ, инчунин мутолиаи тавзеҳотии мақолаҳои илмию оммавие, ки дар китобҳои дарсии иловагӣ мавҷуданд, муҳим аст.

Дар суҳбатҳо бо кудакон аз маводи ҷолибу равшан, алалхусус, ҳикояҳо аз воқеаҳои таърихи давлат, ки на танхо ба шуури донишомӯз, балки ба ҳиссиёти ӯ таъсир расонда, дар вай сифатҳои ахлоқиро тарбия мекунанд, истифода намудан лозим аст.

Дарси забони англисӣ мисли дигар дарсҳо воситаи тавонои ташаккули арзишҳои ахлоқии донишомӯзон мебошад. Шакли дарсии кори таълимӣ аз он сабаб пурмаҳсултар аст, ки ба он тарафи омӯзгор доимо роҳбарӣ амалӣ карда мешавад.

Мақсади асосии фаъолияти омӯзгор ба шогирдони худ додани маҷмӯи донишу малакаҳои зарурӣ ва дар баробари ин дар донишомӯзон меҳру муҳаббатро нисбат ба забони англисӣ илқо кардан аст. Агар омӯзгор аз уҳдаи вазифаи ахир барояд, дар он сурат ҳама чизи дигар-ҳам интизоми меҳнат, ҳам қобилияти меҳнатии донишомӯзон ва ҳам азхудкунии фан аз тарафи онҳо имконпазир мегардад.

Ба баланд шудани дараҷаи инкишофи донишомӯзон доимо назорат кардан лозим аст. Ҳар як донишомӯз бояд рӯзномаи китобҳои мутолианамудаи худ ва лугатнома дошта бошад. Омӯзгор бояд рӯзномаҳоро дар дарсҳои хониши адабӣ аз назар гузаронад ва баъзан дарсҳои махсус ташкил кунад, ки дар он донишомӯзон дар бораи муҳтавои китоби мутолианамудаашон, дар бораи қаҳрамонони дӯстдоштаи худ нақл кунанд, вожаҳои англисии аз луғатҳои англисӣ-русӣ ё русӣ-англисӣ навишташударохонда ва аз ёд гӯянд. Агар донишомӯз хонданро дӯст надорад, мо бояд кӯшиш кунем, ки ба ӯ дар фаҳмиши неру ва аҳамияти китоб кумак расонем. Одатан чунин донишомӯзон камшуморанд. Бо онҳо дар оғози соли хониш, баъд азз дарсҳо ба манзил нарафта дар синф порчаҳои шавқоварро хонда, онро нақл кардан бамаврид аст. Дар ҷойи ҷолибтарин хондани китоб бояд қатъ гардад. Донишомӯзон, албатта, мехоҳанд бидонанд, ки дар оянда чӣ рӯй медиҳад ва худашон китоб мехонанд.

Кори таълиму тарбия дар мактаб бо ҳам зич алоқаманд аст. Кори доимӣ бо донишомӯзони хурдсол дар ин ягонагӣ ва робитаи мутақобила ташаккули арзишҳои ахлоқиро дарбар мегирад. Тавре ки дар боло қайд гардид, ҳар як дарс дар мактаб ҳадафи тарбиявӣ дорад. Дар дарсҳои забони англисӣ барои беҳтар аз худ кардани онҳо омӯзгор донишомӯзонро бо матнҳои асарҳои бадеӣ шинос мекунад. Инҳо метавонанд афсонаҳо, шеърҳо, ҳикояҳо, муаммоҳо бошанд.

Дар дарсҳои забони англисӣ мо имкон дорем, ки вазифаҳои тарбияро бо тамоми густариши онҳо иҷро кунем. Мавзӯи маводи адабии барои хондан интихобшуда бояд аз рӯйи ин вазифаҳои тарбиявӣ муайян карда шавад.

Донишомӯзон сарвати забонро ҳар қадар бехтар азхуд кунанд, ҳамон қадар бештар медонанд. Азхудкунии забони англисӣ бо тавсеаи миқёси доираи тасаввурот ва арзишҳои кудакон, бо ғанисозии ҷаҳонбинии онҳо алоқаманд аст. Инкишофи забони англисӣ бо инкишофи ҷаҳонбинии онҳо робитаи ногусастанӣ дорад.

Вазифаи омӯзгор на танҳо аз он иборат аст, ки маънои калимаро тавзеҳ диҳад, балки ба донишомӯзон тарзи дуруст ва оқилона истифода намудани онро дар нутқи онҳо биёмӯзад. Ҳар касе, ки ба ин ҷиҳати кори муассисаи таҳсилотӣ ақаллан андаке ошно бошад, медонад, ки донишомӯз пеш аз азхуд кардани калима ва онро ба унсури фаъоли нутқи худ табдил додан, пеш аз азхуд кардани малакаи имло кадом рохи дуру дароз ва душворро тай мекунад, то ки зуд ва зебо навиштани онро ёд мегирад.

Ташкили дурусти тамоми раванди педагогӣ ва чунин бозгӯии асосҳои илм, ки ҳам ба вазъи имрӯзаи илм ва ҳам ба талаботи методмка ҷавобгӯ бошад, шарти асосии таълиму тарбия мебошад. Аммо аз нуқтаи назари таълими тарбиявӣ нисбат ба маводе, ки кори тарбиявӣ аз рӯйи он сохта мешавад, бетафовут нест.

Дар ***боби дуюми*** диссертатсия, ки **«Таҳқиқи таҷрибавии ташаккули арзишҳои ахлоқии донишомӯзон дар оила ва муассисаи таҳсилоти умумӣ»** ном дорад, таъкид шудааст, ки хислатҳои мусбати кӯдаконро асосан ба туфайли услуби дар муносибатҳои байниҳамдигарии одамон, дар байни калонсолони гирду атроф эҷодгардида тарбия кардан мумкин аст. Ба монанди дигар ҷойҳо, дар ин чо ибрати худи тарбиятгарон ва бо мисолҳои аз ҳаёту адабиёт гирифташуда шинос кардани донишомӯзон низ басо муҳим мебошад.

Эҳсоси обрӯю эътибори шахсӣ ва шаъну шараф танҳо ҳамон вақте арзишманд мешавад, ки он ба ҳисси шарафи коллектив мувофиқат дошта бошад. Ба вуҷуд овардани муҳити муттафиқонаи коллективи муассисаи таҳсилотӣ яке аз воситаҳои муҳимтарини ба муваффақият ноил шудани омӯзгор дар кори тарбия мебошад.

Ҷузъи фавқулода муҳими тарбияи ахлоқӣ дар доншомӯзон ташаккул додани интизоми бошуурона мебошад. Бидуни интизом ва муташаккилӣ омӯхтан ва кор кардан имконнопазир аст. Аммо сухан танҳо дар бораи дар солҳои таҳсил таъмин намудани интизоми донишомӯзон намеравад. Дар назди тарбиятгарон вазифаи ҷиддитар, яъне тарбия кардан гузошта шудааст.

Дар тамоми ҷараёни кори тарбия маҳорат ва одатҳои рафтори маданӣ, назорати омӯзгор аз болои иҷрои талаботу қоидаҳои муқарраршуда аз тарафи кудакон ахамияти калон дорад.

Аз ҷумла, набудани назорати ғайрикофӣ бо он тавзеҳ мегардад, ки баъзе кудакон ваъда медиҳанд, ки ислоҳ мешаванд, лекин ислох намешаванд, боз қавл медиҳанду боз ба ваъдаи худ вафо намекунанд. Мумкин аст, ки онҳо худро ислоҳ накунанд, зеро як одати кӯҳна ҳанӯз бар онҳо ҳукмфармост; малакаҳои мавҷуда ба ташаккули малакаҳои нав халал мерасонанд. Мо бояд дар бораи кудакон ғамхорӣ карда, ба беҳтар шудани онҳо ёрӣ расонем.

Барои роҳбарии дурусти тарбия, бояд онҳоеро, ки ба онҳо роҳбарӣ мекунед, хуб донед. Кори дар кудакон тарбия намудани интизоми бошуурона аз омӯзгор донистани кудакон, донистани ҳар як кӯдакро талаб мекунад. Омӯзгорро лозим аст, ки кудаконро омӯзад, шароити берун аз муассисаи таҳсилотӣ зиндагӣ кардани онҳоро омӯзад, муҳитеро, омӯзад, ки онҳо дар он харакат мекунанд. Ин донишҳо ба омӯзгор мегӯянд, ки дар ҳолатҳои алоҳида чӣ гуна амал кардан лозим аст. Дар як қатор мавридҳо барои ислоҳи кудаки беинтизом на танҳо бо ӯ, балке бештар бо падару модар, хешу табори ӯ ва баъзан бо ташкилоти ҷамъиятӣ машғул шудан лозим меояд.

Кудакро хуб донистани омӯзгор, сабабҳои вайрон кардани интизоми ӯро осонтар муайян мекунад ва ба туфайли ин воситаҳои мубориза зидди беинтизомӣ осонтар пайдо карда мешавад.

Тарбияи ҳақиқӣ талаб мекунад, ки кудакон бо ҳаёт, фаъолият ва муборизаи одамони номдору барҷаста, ки пирӯзии шуури инсонӣ, иродаи қавӣ ва мардонагии инсониро нишон медиҳанд, дар бораи садоқати фидокорона ба манфиатҳои заҳматкашон намунаҳои ибрат нишон медиҳанд.

Муоширати шахсии ҷавонони донишомӯз бо одамони барчаста аҳамияти калон дорад. Кори мусбат, мақсаднок ва мунтазам ба амал баровардани тарбияи ирода дар кудакон шарти муътамад ва боэътимоди пешгирӣ кардани камбудиҳои хулқи онҳо мебошад. Аммо омӯзгор вақте ки дар ин ё он шогирд камбудиҳои душмани иродаро ошкор мекунад, боядбо онҳо кори махсуси тарбиявӣ гузаронад.

Муносибат ба мафҳумҳои ахлоқӣ дар тамоми умри инсон ташаккул меёбад, аммо асосҳои арзишҳои ахлоқӣ дар синни хурдсолӣ гузошта мешаванд. Кудакон дар хеле барвақт бо афсонаҳо шинос мешаванд. Дар

афсонаҳо чеҳраҳои мусбат ё манфӣ вуҷуд надоранд. Ҳар як қаҳрамони афсона дорои яке аз хислатҳои муштарак аст, масалан, рӯбоҳ- маккор, гург - тамаъкор ва аблаҳ, хирс- нодон, вале дар айни замон меҳрубон ва безарар аст. Дар афсонаҳо некӣ хамеша бар бадӣ галаба мекунад. Дар афсонаҳо ба тарбияи хислатҳои мусбат диққати калон дода мешавад.

Системаи малака ва одатхои муайяни рафтор, ки барои хамаи аъзои синф ва коллективи муассисаи таҳсилотӣ хос аст, ба ин коллектив услуби муайяни ҳаёти ҷамъиятиро медиҳад, ки онро анъана меноманд.

Бозии мантиқ, зуҳури тахайюлро инкишоф медиҳад, малакаҳои вокуниши босуръат ва тафаккури мантиқиро такмил медиҳад, диққатро зиёд карда, ба рушди хотира мусоидат мекунад. Бозие, ки тафаккури интиқодиро инкишоф медиҳад, ин кори гурӯҳӣ ва эҷодӣ мебошад, ки фаъолияти ақлонии иштирокдоронро барои дарёфти ғояҳо, роҳи ҳалли масъалаҳои мураккаб баланд мебардорад.

Бо ҷалби технологияҳои мултимедиявӣ "Рӯнамоҳо", метавон намоиши лоиҳаҳои видеоиро баргузор намуд. Истифодаи воситаҳои техникии таълим (ВТТ) дар дарсҳои забони англисӣ ба татбиқи равиши ба талаба нигаронидашудаи таълим мусоидат мекунад.

Омӯзгори муосир бояд малакаи истифодаи технологияи иттилоотиро дар қаринаи касбӣ дошта бошад.

Ҳангоми ташкили кор бо тамоми синф рӯнамоҳое, ки омӯзгор офаридааст, истифода мешавад. Бо ёрии онҳо малакаҳои ҳаракатнокӣ инкишоф меёбанд ва агар кудак ба мавзуъҳои бештари зеҳнӣ, аз қабили гузаштани лабиринтҳо, ҳалли масъалаҳои математикӣ, ҳалли тестҳо шавқ пайдо кунад, ин барои ӯ ҳамчун як тамрини хуби ақлонӣ хизмат мекунад. Илова бар ин, баъзе кудакон дар бораи як мавзӯи ҷиддие фикр мекунанд, ки боиси шавқу ҳавас ба барномасозӣ мегардад.

Мақсади асосии кори маҳфил васеъ намудани маълумоти донишомӯзон дар бораи аҳамияти забон; амиқсозии дониши фонетика, таркиби калима ва ҳиссаҳои нутқ; ғанигардонии таркиби луғавии фаъоли донишомӯзон, талқини малакаҳои кор бо китобу луғатҳо ва қомусҳо; истифодаи дигар роҳҳои мавҷуда барои баланд бардоштани фарҳанги забон ва рафъи нуқсонҳои нутқи шифоҳӣ ва хаттии ҳар як донишомӯз мебошад.

Дар охири соли таҳсил омӯзгор аз маводи дар маҳфил омӯхташуда маводи муҳимтаринро интихоб карда, такрори онҳоро тавсия медиҳад. Донишомӯзоне, ки бо ин ё он сабаб дар маҳфил кор накардаанд, барои маслиҳат ба аъзои маҳфил мурочиат мекунанд.

Ҳамин тавр, он чизе, ки дар маҳфил омӯхта мешавад, моли бисьёр донишомӯзоне мегардад, ки аъзои он нестанд ва аҳамияти нақши маҳфил дар назди донишомӯзон боз ҳам меафзояд.

Омӯзгор дар ҳар як дарс барои ҷанбаҳои тарбиявии он вақти муайян ҷудо мекунад. Ҳар як методи таълим ҳузури лаҳзаҳои тарбиявиро ҷалб мекунад.

Таҷрибаҳои муқарраркунанда ва ташаккулдиҳанда гузаронида шуданд, ки ҳадафи онҳо дониш ва муайян кардани арзишҳои ахлоқӣ буд.

Барои гузаронидани таҷрибаҳои муқарраркунанда ва ташаккулдиҳанда, доноӯзон ба гурӯҳҳои таҷрибавӣ ва назоратӣ тақсим карда шуданд. Савияи баланди дониши арзишҳои ахлоқиро дар гурӯҳи таҷрибавӣ 44 нафар ва дар гурӯҳи назоратӣ бошад, 73 нафар донишомӯзон нишон доданд. Савияи миёнаи дониши арзишҳои ахлоқиро дар гурӯҳи таҷрибавӣ 204 нафар, дар гурӯҳи назоратӣ бошад, 201 нафар донишомӯзон н нишон доданд. Аз ин рӯ, дар гурӯҳи таҷрибавӣ 70 нафар ва дар гурӯҳи назоратӣ 44 нафар хонандагон савияи пасти арзишҳои ахлоқиро нишон доданд.




**баланд** **миёна** **паст**

**гурӯҳи таҷрибавӣ** **гурӯҳи назоратӣ**

**Ангораи 1.** ***Муайянкунии арзишҳои ахлоқӣ аз ҷониби донишомӯзон***

Савияи баланди муайянкунии арзишҳои ахлоқиро дар гурӯҳи таҷрибавӣ 57 нафар донишомӯз, ҳамчунин 57 нафар донишомӯз дар гурӯҳи назоратӣ нишон доданд. Савияи миёнаи муайянкунии арзишҳои ахлоқиро дар гурӯҳи таҷрибавӣ 131 донишомӯз, дар гурӯҳи назоратӣ бошад, 188 донишомӯз нишон доданд. Мутаносибан, дар гурӯҳи таҷрибавӣ 131 нафар донишомӯз ва дар гурӯҳи назоратӣ бошад, 73

нафар донишомӯзони муассисаҳои таҳсилотӣ савияи пасти муайян кардани арзишҳои ахлоқиро нишон доданд.

Ба донишомӯзон инчунин вазифа дода шуд, ки чумлахои нотамомро пурра кунанд. Мақсади машқ ошкор кардани арзишҳои пешниҳодшуда, ки эҳсосот, сифатҳо, муносибатҳои шахсро ифода мекунад.




**баланд** **миёна** **паст**

**гурӯҳи таҷрибавӣ** **гурӯҳи назоратӣ**

**Ангораи 2.** ***Муҳтавои арзишҳои ахлоқии пешниҳодшудаи донишомӯзон***

Савияи баланди муҳтавои арзишҳои ахлоқиро дар гурӯҳи таҷрибавӣ 102 нафар ва дар гурӯҳи назоратӣ 86 нафар донишомӯзон нишон доданд. Савияи миёнаи муҳтавои арзишҳои ахлоқиро дар гурӯҳи таҷрибавӣ 160 нафар, дар гурӯҳи назоратӣ бошад, 217 нафар донишомӯзон нишон доданд. Мутаносибан, дар гурӯҳи таҷрибавӣ 57 нафар донишомӯз ва дар гурӯҳи назоратӣ 16 нафар донишомӯзони муассисаҳои таҳсилотӣ савияи пасти муҳтавои арзишҳои ахлоқиро нишон доданд.

Ҳамчунин дар назди донишомӯзон вазифаи хондан ё ба хотир овардани афсона меистод — *read or remember fairy tales,* ки дар бораи мафҳумҳои ахлоқие ба монанди некию бадӣ, росту дуруғ, вазифа ва ватандӯстӣ, ёрии ҳамдигарию меҳнат ва ғайра сухан меравад. Зарур буд, ки савияи инкишофи арзишҳои ахлоқӣ дар дарҳоси забони англисӣ дар байни донишомӯзон муайян карда шавад.




**баланд** **миёна** **паст**
**гурӯҳи таҷрибавӣ** **гурӯҳи назоратӣ**

**Ангораи 3.** ***Савияи инкишофи арзишҳои ахлоқии ддонишомӯзон дар дарсҳои забони англисӣ***

Савияи баланди инкишофи арзишҳои ахлоқиро дар гурӯҳи таҷрибавӣ 92 нафар, дар гурӯҳи назоратӣ бошад, 70 нафар донишомӯзон нишон доданд. Савияи миёнаи инкишофи арзишҳои ахлоқиро дар гурӯҳи таҷрибавӣ 166 нафар, дар гурӯҳи назоратӣ бошад, 217 нафар донишомӯзон нишон доданд. Мутаносибан, савияи пасти инкишофи арзишҳои ахлоқиро дар гурӯҳи таҷрибавӣ 60 нафар, дар гурӯҳи назоратӣ бошад, 32 нафар донишомӯзон нишон доданд.

Ташаккули арзишҳои ахлоқӣ дар дарсҳои забони англисӣ дар байни донишомӯзон аз омӯзгор омодагии ҳаматарафа ва одоби педагогиро талаб мекунад. Албатта, омӯзгори забони англисӣ дар дарсҳои худ метавонад танҳо бо супоришҳои таълимӣ маҳдуд бошад. Аммо мушкилоте, ки имрӯз дар назди ҷомеа қарор дорад, тақозо мекунад, ки ҳар як омӯзгор бояд ба ташаккули арзишҳои ахлоқӣ ҳатман таваҷҷуҳ зоҳир намояд. Ҳадафҳои тарбиявӣ дар синф бо роҳҳои гуногун амалӣ мешаванд. Дар ин ҷо бешубҳа мутолиаи асарҳои бадеӣ нақши калон мебозад.

Кудакони инкишофи умумии пастдошта, дарсхониро намедонанд, аз ин рӯ, дарс омӯхтанро дӯст намедоранд, ин кор барои онҳо шавқангез нест. Чунин донишомӯзонро бояд муттаҳид намуда ва бо онҳо дар маҳфили забони англисӣ кор кард. Муаммоҳои грамматикӣ, кор оид ба фонетикаи амалӣ ҳатто бепарвотаринҳоро ба худ ҷалб мекунанд.

Дар маҳфил кудакон тайёр кардани маърӯзаҳои кӯтохро меомӯзанд, аз таърихи забон бо далелҳои шавқовар ошно мешаванд. Кор бо синонимҳо, антонимҳо, омонимҳо нутқи онҳоро инкишоф медиҳад, саъй мекунанд, ки барои ифодаи фикрашон калимаҳои саҳеҳтар интихоб кунанд.

Ба пурсиш бояд диққати ҷиддӣ дод, кӯшиш кардан лозим аст, ки дар дарс бисьёр донишомӯзон бо пурсиш фаро гирифта шаванд. Ҳангоми пурсиш саъй бояд намуд, ки ҳамон як нукта такрор гардад. Донишомӯзони заиф бояд ҳамеша дар дидгоҳ қарор дошта бошанд.

Агар донишомӯз донад, ки омӯзгор ба ӯ ҳатман эътибор медиҳад, ба дарс тайёрӣ мебинад. Нисбат ба донишомӯзон серталаб будан ва дар айни замон одил будан лозим аст.

Агар донишомӯз калимаҳои дар луғати худ навишташударо софдилона ёд гирад, дар диктант хеле кам хато мекунад. Кори инфмродӣ, диктантҳо барои калимаҳои душвор, машғулиятҳо бо донишомӯзони сусти маҳфил, назорат аз болои хониши хонагӣ — ҳамаи ин ба инкишофи донишомӯзон дар руҳияи тарбия намудани муносибати ҷиддӣ ба таҳсил , ташаккули малакаҳои мустахкам, нутқи босаводонаи шифоҳӣ ва хаттӣ мусоидат мекунад.

Методикаи пешниҳодшуда дар дарсҳои забони англисӣ истифода бурдани афсонаю ҳикояҳо, аз ёд кардани шеърҳо, ба саҳна гузоштани асарҳои бадеӣ, кор бо расмҳо, кашидани унсурҳои ҷудогона на танҳо ба ташаккул балки ба рушду такмили арзишҳои ахлоқӣ мусоидат мекунад.

Дар хотимаи таҳқиқоти диссертатсионӣ натиҷаҳои таҳқиқот ҷамъбаст гардида, дар он натиҷаҳои асосии ба даст овардашуда нишон дода шуда, самтҳои минбаъдаи дурнамои проблемаи интихобшуда оварда мешаванд. Ҷамъбасти натиҷаҳои таҳқиқот моро ба хулосаҳои зерин овард:

1. Дар ташкили раванди таълими забони хориҷӣ (англисӣ) нақши омӯзгор хеле муҳим аст. Чунин ҳолатҳо бевосита дар ҷараёни кори муштарак пайдо мешаванд ё аз ҷониби омӯзгор махсус пешбинӣ шуда метавонанд **[2-М].**

2. Дар шароити муассисаи таҳсилоти умумӣ вазифаҳои зерини тарбияи ахлоқии донишомӯзон дар раванди таълими забони хориҷӣ (аз ҷумла, забони англисӣ) иҷро карда мешаванд:

ташаккули арзишҳои ахлоқии донишомӯзон ҳамчун арзишҳои олии дҳаёт, ангезаҳои назарраси фаъолияти муфиди иҷтимоӣ

ташаккули таваҷҷуҳи маърифатӣ ба донишҳо, хоҳиши дар амал истифода бурдани дониш, рушди эҳтиёҷот ба таълими ҳамаҷониба;

инкишофи сифатҳои баланди ахлоқӣ;

рушди арзишҳои масъулият ва вазифа, мақсаднокӣ ва соҳибкорӣ, самаранокӣ ва ростқавлӣ.

3. Раванди ташаккули арзишҳои ахлоқӣ инҳоянд:

шуурнокии шаҳрвандӣ ва ватандӯстӣ;
рушди манфиатҳои эҷодӣ ва маърифатӣ;
инкишоф додани масъулият, интизоми мехнат ва таълим **[10-М].**

4. Кори таълим ва тарбия дар муассисаи таҳсилотӣ бо ҳам зич алоқаманд аст. Кори доимӣ бо донишомӯзони хурдсол дар ин ягонагӣ ва робитаи байниҳамдигарӣ ташаккули арзишҳои ахлоқиро дарбар мегирад. Тавре ки дар боло қайд гардид, ҳар як дарс дар муассисаи таҳсилотӣ ҳадафи тарбиявӣ дорад. Дар дарсҳои забони англисӣ барои беҳтар аз худ кардани дарс омӯзгор донишомӯзонро бо матнҳои асарҳои бадеӣ шинос мекунад. Ин метавонад афсонаҳо, шеърҳо ва ҳикояҳо бошад.

5. Муҳимтарин шарти тарбияи интизом дар муассисаи таҳсилотӣ дуруст ташкил намудани раванди таҳсил мебошад. Рафтори боинтизом дар ҷараёни дарсҳо тарбия карда мешавад. Дарси хуб ташкил ва аз ҷиҳати методӣ хуб танзимшуда диққати донишомӯзонро мураттаб сохта, шавқу ҳаваси донишомӯзонро ба кор бедор мекунад. Дарси нодуруст такилшуда ба тарбияи кудакон таъсири зараровармерасонад. Дар он ҷое, ки дарс хуб ташкил карда шудааст, одатан дар он ҷо рафтори кудакон мавзӯи шикоят намегардад. Дарси хуб донишомӯзонро на танҳо аз ҷиҳати муҳтавои маводи таълимӣ, балки бо ҷанбаи ташкилии он низ тарбия мекунад (сари вакт оғоз намудани дарс, аз рӯйи нақшаи муайян гузарондани дарс, мохирона интихоб кардани маводи таълимй, тартиботи қатъӣ дар дарс ва ғайра) **[4-М].**

6. Бояд гуфт, ки дарсҳои забони англисӣ, мутолиаи адабиёт ба забони англисӣ ба рушди маънавию ахлоқии донишомӯзон мусоидат намуда, ташаккули дониш, малака ва маҳоратро таъмин намуда, ба ин васила самаранокии ташаккули арзишҳои ахлоқии донишомӯзонро таъмин менамояд.

**Тавсияҳо барои истифодаи амалии натиҷаҳои таҳқиқот**:

1. Вазифаи асосии ахлокро тарбияи хонандагон муайян намуда, шавку хавас, муносибати бошуурона ба мехнат ва хислатхои баланди одамро тарбия мекунад.
2. Ба баланд шудани дарачаи инкишофи хонандагон доимо назорат кардан лозим аст. Барои ин дониш, малака ва маҳорати хонандагонро аз забони модарӣ ва баъд дар дарси забони англисӣ инкишоф додан лозим аст.
3. Дар ҷараёни таълим ба шуури шаҳрвандӣ ва ватандӯстӣ, ташаккули шавқу завқи эҷодӣ ва маърифатӣ, ба ташаккули масъулиятшиносӣ, интизоми меҳнат ва тарбия диққат додан лозим аст, ки ин бешубҳа ба ташаккули арзишҳои ахлоқӣ мусоидат мекунад.
4. Дар дарси забони англисӣ аз мутолиаи афсона, ҳикоя, аз ёд кардани шеър, ба саҳна гузоштани асарҳои бадеӣ, кор бо тасвир,

кашидани унсурҳои алоҳида мунтазам истифода бурдан лозим аст, ки ин ба рушду такомули арзишҳои ахлоқӣ мусоидат мекунад.

## МУҲТАВОИ АСОСИИ ДИССЕРТАТСИЯ ДАР ИНТИШОРОТИ ЗЕРИН ИНЪИКОС ЁФТААСТ:

**I.Мақолаҳое, ки дар маҷаллаҳои (нашриёҳои)тақризшавандаи илмии аз ҷониби Комиссияи олии аттестатсионии назди Президенти Ҷумҳурии Тоҷикистон тавсияшаванда нашр шудаанд:**

[1-М]. **Олимова Г.С.** Пути совершенствования нравственного содержания трудового процесса. Вестник Таджикского национального университета. Издательский центр ТНУ. Сино. Душанбе. 2014. №3/8 (150). С. 249-252.

[2-М]. **Олимова Г.С.** Формы и методы взаимодействия общеобразовательных и производственных учреждений в нравственном воспитании старшеклассников (на тадж.яз.) Вестник Таджикского национального университета. Издательский центр ТНУ. Сино. Душанбе. 2019. №10/2. С. 203 -206.

[3-М]. **Олимова Г.С.** Эффективность взаимодействия школы и производства по нравственному воспитанию в процессе практической деятельности старшеклассников. Вестник Таджикского национального университета. Издательский центр ТНУ. Сино. Душанбе. 2020. №1. С. 94 – 98.

[4-М]. **Олимова Г.С.** Современные требования к формированию нравственных ценностей у учащихся в семье и школе. Вестник Таджикского национального университета. Издательский центр ТНУ. Сино. Душанбе. 2022. № 8. С. 261-268.

**II. Мақолаҳои нашргардида дар маҷмӯаҳо ва маҷаллаҳои дигар:**

[5-М]. **Олимова Г.С.** Социальная роль труда в духовном воспитании старшеклассников (на тадж.яз.) Материалы республиканской научно-теоретической конференции «Актуальные вопросы использования современной технологии в процессе обучения». Душанбе. ТНУ. 2011. С.117-119.

[6-М]. **Олимова Г.С.** Пути совершенствования нравственного содержания трудового воспитания. Материалы республиканской научно-теоретической конференции профессорско-преподавательского состава и сотрудников ТНУ, посвященной «700-летию Мир Сайида Али Хамадони», «Году семьи» и Международному десятилетию действия «Вода для жизни». Душанбе. ТНУ. 2015. С.446-448.

[7-М]. **Олимова Г.С.** Основные цели жизни и образования (на тадж.яз.) Материалы научно-теоретической республиканской конференции

«Актуальные проблемы сравнительного языкознания в разносистемных языках». Душанбе. ТНУ. 2016. С.139-146.

[8-М]. **Олимова Г.С.** Восприятие эстетики труда. Материалы научно-теоретической республиканской конференции «Актуальные проблемы терминологии в разносистемных языках». Душанбе. ТНУ. 2017. С. 96-100.

[9-М]. **Олимова Г.С.** Воспитание нравственных потребностей старшеклассников в процессе трудового воспитания в практической деятельности образовательных школ. Материалы республиканской научно-практической конференции «Актуальные проблемы сравнительного языкознания в таджикском и английском языках», посвящённой «Году развития туризма и народных ремёсел». Душанбе. ТНУ. 2018. С.78-84.

[10-М]. **Олимова Г.С.** Сотрудничество школы и семьи в формировании нравственных потребностей старшеклассников в процессе трудового воспитания. Материалы университетской научно-практической конференции «Проблемы изучения иностранных языков в современном мире». Душанбе. ТНУ. 2019. С. 110-115.

[11-М]. **Олимова Г.С.** Развитие нравственных чувств и выработка навыков нравственного поведения на уроках английского языка. Материалы университетской научно-практической конференции «Актуальные проблемы сравнительного языкознания в таджикском и английском языках». Душанбе. ТНУ. 2021. С. 182-189.

# АННОТАТСИЯИ

**диссертатсияи Олимова Гуландом Сафаралиевна “Ташаккули арзишҳои ахлоқии донишомӯзон дар мактаб (дар мисоли дарсҳои забони англисӣ)” барои дарёфти дараҷаи илмии номзади илмҳои педагогӣ аз рӯйи ихтисоси 13.00.02 – Назария ва методикаи таълиму тарбия (вобаста ба соҳа ва сатҳи таҳсилот) (13.00.02.04 – Назария ва методикаи фанҳои гуманитарӣ, таҳсилоти миёнаи умумӣ)**

**Калидвожаҳо:** талабагон, арзишҳои ахлоқӣ, мактаб, такмил, дарси забони англисӣ, тарбияи ахлокй, шавку хавас, майл, ният.

**Мақсади таҳқиқот** асоснок кардан ва дар таҷриба исбот кардани самаранокии дарсҳои забони англисӣ дар ташаккули арзишҳои ахлоқии донишомӯзон мебошад.

**Объекти таҳқиқот** раванди ташаккули арзишҳои ахлоқӣ дар дарсҳои забони англисӣ барои донишомӯзон дар раванди таълим мебошад.

**Навгонии илмии таҳқиқот** дар он аст, ки

- асосҳои назариявии ҳалли проблемаи ташаккули арзишҳои ахлоқӣ дар дарси забони англисӣ барои донишомӯзон муайян карда шудаанд;
- тавсифоти психологию педагогии синни хурдсоли мактабӣ ва ҳассосияти он ба раванди ташаккули арзишҳои ахлоқӣ, таҳлили вазъи кунунии ташаккулёбии арзишҳои ахлоқӣ дар дарсҳои забони англисӣ дар байни донишомӯзон;
- муҳтаво, шаклҳо ва методҳои таълим оид ба ташаккули арзишҳои ахлоқии донишомӯзон дар дарсҳои забони англисӣ ба тариқи таҷрибавӣ татбиқ ва санҷида шуд.

**Аҳаммияти амалии таҳқиқот** дар татбиқи маҷмӯи дарсҳои забони англисӣ муайян карда мешавад, ки самаранокии ташаккули арзишҳои ахлоқии донишомӯзонро дар дарсҳои забони англисӣ афзоиш медиҳад.

**Дараҷаи истифодабарӣ:** Маводи рисолаи илмиро метавон дар амалияи таълимии омӯзгорони синфҳои ибтидоӣ ҳангоми ташаккули арзишҳои ахлоқӣ истифода гнамуд. Натиҷа ва хулосаҳои таҳқиқоти мо метавонанд барои омӯзгорони забони англисии муассисаҳои таҳсилоти миёнаи умумӣ мароқангез бошанд.

**Соҳаи истифодабарӣ:** Хулосаҳо ва тавсияҳои дар рисола пешниҳодшуда дар кори мақсадноки тарбиявӣ дар шаклҳоимуносиби ташкилӣ, ки ба ташаккули самтгирии устувори касбии хонандагон дар асоси шавқу рағбат, майл, қобилият ва нияти онҳо нигаронида шудааст, амалӣ карда мешавад.

## АННОТАЦИЯ

**диссертации Олимовой Гуландом Сафаралиевны на тему «Формирование нравственных ценностей у учащихся в школе (на примере уроков английского языка)», представленной на соискание ученой степени кандидата педагогических наук по специальности 13.00.02 - Теория и методика обучения и воспитания (по областям и уровням образования) (13.00.02.04 - Теория и методика гуманитарных дисциплин, общее среднее образование) (педагогические науки)**

**Ключевые слова:** учащиеся, нравственные ценности, школа, английский язык, совершенствование, нравственное воспитание, интерес, склонность, намерение.

**Цель -** теоретически обосновать и экспериментально доказать эффективность уроков английского языка в формировании нравственных ценностей у учащихся.

**Объект исследования:** процесс формирования нравственных ценностей на уроках английского языка у учащихся в процессе обучения.

**Научная новизна исследования** заключается в том, что:

– определены теоретические основы для решения проблемы формирования нравственных ценностей на уроках английского языка у учащихся;

– выявлены психолого-педагогические характеристики младшего школьного возраста и его сензитивности к процессу формирования нравственных ценностей, анализу современной ситуации сформированности нравственных ценностей на уроках английского языка у учащихся;

– экспериментально внедрены и проверены содержание, формы и методы обучения по формированию нравственных ценностей у учащихся на уроках английского языка.

**Практическая значимость исследования** определяется внедрением представленного комплекса уроков английского языка, что повысит эффективность формирования нравственных ценностей у учащихся на уроках английского языка.

**Степень использования:** Уровень нравственного развития личности учащихся характеризует степень сформированности у него нравственных ценностей. Но при этом нужно учесть, что качественное развитие личности учащихся станет возможным не только благодаря воспитательной деятельности учителя, но и благодаря собственным усилиям ученика.

**Области применения:** Материалы диссертации могут быть использованы в практике преподавания учителями начальной школы при формировании нравственных ценностей. Полученные результаты и выводы нашего исследования могут быть интересны для учителей английского языка средних общеобразовательных учреждений.

# ANNOTATION

**dissertation of Olimova Guland Safaralievna on the topic "Formation of moral values among students at school (on the example of English lessons)", submitted for the degree of candidate of pedagogical sciences in the specialty 13.00.02 - Theory and methods of training and education (by areas and levels of education) (13.00.02.04 - Theory and methodology of the humanities, general secondary education) (pedagogical sciences)**

**Keywords:** students, moral values, school, English, improvement, moral education, interest, inclination, intention.

**The goal** is to theoretically substantiate and experimentally prove the effectiveness of English lessons in the formation of moral values among students.

**Object of study:** the process of formation of moral values in English lessons for students in the learning process.

**The scientific novelty** of the study lies in the fact that:

-  the theoretical foundations for solving the problem of the formation of moral values in English lessons for students are determined;
-  revealed the psychological and pedagogical characteristics of primary school age and its sensitivity to the process of formation of moral values, analysis of the current situation of the formation of moral values in English lessons among students;
-  experimentally introduced and tested the content, forms and methods of teaching on the formation of moral values among students in English lessons.

**The practical significance** of the study is determined by the introduction of the presented set of English lessons, which will increase the effectiveness of the formation of moral values among students in English lessons.

**Degree of use:** The level of moral development of a student's personality characterizes the degree of formation of his moral values. But at the same time, it must be taken into account that the qualitative development of the personality of students will become possible not only thanks to the educational activities of the teacher, but also thanks to the student's own efforts.

**Applications:** The materials of the dissertation can be used in the practice of teaching by elementary school teachers in the formation of moral values. The results and conclusions of our study may be of interest to teachers of English in secondary educational institutions.